**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Маликов М.Ҳ., доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т., доктори илмҳои таърих Бобомуллоев С.Ғ. бо таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)", ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои XXI, дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи фарҳанги халқи тоҷик бахшида шуда, дар Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мактабу маориф яке аз ниҳодҳои хеле муҳим ва муассири иҷтимоии ҷомеаи имрӯз буда, дар шароити муосир ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Зеро тарбияи инсони солимандешаю ватандӯст, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи матлуб маҳз ба соҳаи маориф бастагӣ дорад.

Муҳиммият ва мубрамияти омӯзиши раванди тараққиёти мактабу маориф аз дидгоҳи минтақавӣ пеш аз ҳама, аз аҳаммияти таърихии он равандҳое бармеояд, ки имрӯз дар ҷомеаи мо, бахусус дар соҳаи маориф ҷараён доранд, равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иктисодии муосир албатта ба мактабу маориф таъсири амиқ мерасонанд. Сонияи, таҳлил ва ошкор намудани факту рақамҳои соҳаи маорифи минтақаи мавриди назар ба объективона тавзеҳ додани нақш ва рушди низоми таҳсилот дар сатҳи кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Илова бар ин, ба муҳиммияти мавзӯи мавриди таҳқиқ дарки ин нукта таъкид мекунад, ки мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб ҷузъи ҷудонашавандаи фазои ягонаи таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлоли воқеӣ мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти илмии таърихи рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX - ибтидои асри XXI марҳилаи зарурӣ дар омӯзиши таърихи низоми таҳсилоти кишвар буда, чунин равиш имкон медиҳад, ки хусусиятҳои минтақавии рушди соҳа ба назар гирифта шуда, раванди рушди соҳаи мактабу маориф дар интиҳои садаи бист ва ибтидои ҳазораи нав комилтар тавсиф ёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф ба таври ҷомеъ рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи таҳаввулоти куллии ҷомеаи кишвар мавриди баррасию таҳлил қарор дода, дар баёни таърихи ин соҳа саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**Мақсади тадқиқоти** диссертатсионӣ таҳлили ҷанбаҳои минтақавии рушди мактабу маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоб дар поёни садаи бист ва ибтидои асри бистуяк, яъне дар як давраи бисёр ҳассосу тақдирсоз барои кишвар, равшан намудани хусусиятҳои сиёсати

давлатӣ ва вижагиҳои даврони гузариш дар ин соҳа мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф унвонҷӯ таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқон ва донишмандони соҳаро, ки оид ба мавзӯи мазкур анҷом додаанд, ҷамъбаст намудааст. Илова бар ин, унвонҷӯ вазъи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб, шароит ва омилҳои рушди эволютсионии мактабу маорифро таҳлил намуда, пойгоҳи моддию таълимии мактабҳои минтақаро дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ баррасӣ намудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба таври ҷомеъ рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоби Ҷумхурии Тоҷикистон дар давраи таҳаввулоти куллии ҷомеаи кишвар мавриди баррасию таҳлил қарор дода шудааст. Дар баробари ин дар асоси ҳуҷҷатҳои фаровони бойгонӣ ва адабиёти мавҷуда рӯйдодҳо ва ҳаводиси таърихие, ки аз ягон мавқеъ бо рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб алоқамандaнд, аз дидгоҳи интиқодӣ ва объективӣ арзёбӣ гардида, таъминоти кадрӣ, заминаҳои моддӣ-техникӣ ва маблағгузории муассисаҳои таълимии минтақа дар солҳои ислоҳоти низоми маориф таҳлил карда шудаанд. Илова бар ин, дар рисола раванди мукаммали ислоҳоти низоми таҳсилоти умумӣ ҳаматарафа баён гардида, таҳлили назариявии самтҳои асосии сиёсати давлатии соҳа ва татбиқи амалии он дар минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ва даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** анҷомшуда дар он аст, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус, маводи лексионӣ оид ба таърихи навтарини халқи тоҷик ва таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар минтақа, ки салоҳиятҳои идоракуниро дар соҳаи маориф ва кормандони педагогӣ ба уҳда доранд, метавонанд, ки натиҷаҳои ҳамин тадқиқотро ба инобат гиранд. Маводе, ки дар рисола ғунҷонида шудаанд, ҳангоми таҳияи монографияҳо, нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба

таърихи Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва алалхусус таърихи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб зарурӣ мегарданд.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

Мазмуни асосии рисола дар панҷ мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)" аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия карда мешавад.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1.Рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

**А) Абдуллоев Маҳмуд Холович,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Б) Шарипов Шавкат** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

3. Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда тасдиқ карда шавад.

4.Ба нашри автореферати диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5.Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Маликов М.Х.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**

**доктори илмҳои таърих** **Қобилова Б.Т.**

**доктори илмҳои таърих** **Бобомуллоев С.Ғ.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

27.10.2022.